«Тасдиқ мекунам»
Муовини Сарвазири
Ҷумҳурии Тоҷикистон
_________ Мансурӣ Д.С.
«06» январи соли 2026

Протоколи №4/25-
ҷаласаи Кумитаи миллии ҳамоҳангсозии мубориза бар зидди бемориҳои пайдошудаи норасоии масуният, сил ва вараҷа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (КМҲ)

22 декабри соли 2025 ш. Душанбе

Раисӣ кард:

Мансурӣ Д.С. - муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Кумитаи миллии ҳамоҳангсозӣ.

Иштирок намуданд:

Абдуллозода Ҷ.А. - вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Давлатзода З.Д. - сардори раёсати рушди иҷтимоии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Амирзода А.А. - муовини вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сардухтури давлатии санитарии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Норзода Ш.С. - муовини вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Каримзода Р.А. - муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асозода М.- сардори раёсати тиббии Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Иброҳимзода Н. - муовини вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Соҳибзода Х. - сафир оид ба супоришҳои махсуси Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қурбониён С.С. - муовини вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Насриддинзода Р.Ҳ. - муовини вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Меликзода М.Э. - муовини раиси Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Набизода М.Р. - муовини якуми раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Чоршанбезода С.С - муовини раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Олимзода З.О. - муовини якуми раиси Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Олимзода Ф.К. - муовини раиси Кумитаи дин ва танзими ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Лазима Онта Бхатта – муовини Намояндаи доимии Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сафаров А. – корманди дафтари Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ дар Тоҷикистон, Ҳайдарова Т. - роҳбари ташкилоти ҷамъиятии «Шабакаи Тоҷикистонии

занони мубталои ВНМО», Наимов С. - роҳбари Ассотсиатсияи «Ҳамкории боздошти сил дар Тоҷикистон», Саидова Н. - роҳбари ташкилоти ҷамъиятии «Гендер ва тараққиёт», Ҷамолов П. - роҳбари ташкилоти ҷамъиятии «Спин Плюс».

Иштирок надошт:

Файзов Насим - роҳбари ташкилоти ҷамъиятии «Свон Плюс» (бо сабаби беморӣ).

Даъватшудагон:

Низков С. - роҳбари Лоиҳа оид ба пешгирӣ ва мубориза бар зидди ВНМО/БПНМО ва сили Барномаи Рушди СММ дар Тоҷикистон, Алямов С. - тарҷумони Барномаи Рушди СММ дар Тоҷикистон, Сатторов С.-директори муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии пешгирӣ ва мубориза бар зидди ВНМО»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Солиев А. - муовини директори муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии пешгирӣ ва мубориза бар зидди ВНМО»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Валиев З.-директори муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии ҳимояи аҳолӣ аз бемории сил»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раҷабзода А.-муовини директори муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии ҳимояи аҳолӣ аз бемории сил»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Авғонов З. - котиби масъули КМҲ, Насибов О.-ёрдамчии котиби масъули КМҲ.

Рӯзномаи ҷаласа:

1. Дар бораи ҷараёни татбиқи Барномаи миллии ҳимояи аҳолӣ аз бемории сил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025.
2. Дар бораи ҷараёни татбиқи Барномаи миллӣ оид ба муқовимат ба эпидемияи вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025.
3. Дар бораи ҷараёни амалишавии гранти Хазинаи глобалӣ дар самти мубориза бар зидди ВНМО/БПНМ ва сил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2026.
4. Дар бораи ворид намудани тартиботи (механизми) ҳамкорӣ ва ҳисоботдиҳии бисёрсоҳавӣ барои хотимаи сил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.
5. Дар бораи нақшаи кори Кумитаи миллии ҳамоҳангсозӣ оид ба мубориза бар зидди БПНМ, сил ва вараҷа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2026.
6. Дар бораи нақшаи кори Комиссияи назорати назди Кумитаи миллии ҳамоҳангсозӣ барои соли 2026.

Муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Кумитаи миллии ҳамоҳангсозӣ Дилрабо Мансурӣ дар оғози ҷаласа лоиҳаи рӯзномаи ҷаласаро ба аъзои Кумитаи мазкур эълон карда, таъкид намуд, ки масъалаи чоруми рӯзнома мутобиқи банди 9 Низомномаи Кумитаи миллии

ҳамоҳангсозӣ бо пешниҳоди аъзои Кумита, роҳбари Ассотсиатсияи «Ҳамкории бездошти сил дар Тоҷикистон» Наимов С. ба рӯзнома пешниҳод гардид. Рӯзномаи ҷаласа якдилона ҷонибдорӣ гардид.

Оид ба **масъалаи якуми рӯзномаи ҷаласа** ҳисоботи муовини директори муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии ҳимояи аҳолӣ аз бемории сил»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҷабзода А. оид ба ҷараёни татбиқи Барномаи миллии ҳимояи аҳолӣ аз бемории сил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 шунида шуд. Номбурда оид ба натиҷаҳои бадастовардашуда аз рӯйи самтҳои афзалиятноки Барномаи миллии зикргардида ва мушкилиҳои ҷойдошта маълумот пешниҳод намуд. Қайд намуд, ки Нақшаи амалинамоии Барномаи мазкур аз 18 банд ва 105 зербанд иборат буда, то имрӯз аз ҷониби Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар ҳамбастагӣ бо муассисаҳо, ташкилотҳои ҷаъмиятӣ ва байналмилалӣ 103 зербанди он (98,1%) иҷро ва дар раванди иҷро қарор доранд. Боқимонда ду зербанд - харидорӣ ва насби таҷҳизоти озмоишгоҳи модулӣ (зербанди 14) ва хариди доруҳои қатори дуюми зиддисилӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ (зербанди 40) бо сабабҳои муайян иҷро нагардидаанд. Солҳои охир сатҳи фавт аз бемории сил паст шуда истодааст. Аз ҷумла, ин нишондод дар соли 2024 нисбат ба соли 2015 66,1% коҳиш ёфт. Агар дар соли 2015 шумораи фавтидагон аз бемории сил 333 нафар ё 3,9 нишондод ба 100 ҳазор аҳолиро ташкил медод, дар соли 2024 бошад шумораи фавтидагон аз бемории сил 113 нафар ё 1,1 нишондод ба 100 ҳазор аҳолиро ташкил дод. Сатҳи беморшавӣ аз бемории сил дар ҷумҳурӣ низ коҳиш ёфта истодааст. Дар муқоиса ба соли 2015 сатҳи беморшавӣ дар соли 2024 33,4% коҳиш ёфт. Дар соли 2015 5106 беморони сили бори аввал ба қайд гирифта шуд, ки 60,4 ба 100 ҳазор аҳолиро ташкил медод ва дар соли 2024 бошад 4137 беморони сили бори аввал ба қайд гирифта шуд, ки 40,6 ба 100 ҳазор аҳолиро ташкил дод. Дастрасӣ ба ташхис ва табобати ҳама намудҳои бемории сил дар ҷумҳурӣ таъмин буда, ба таври ройгон ба роҳ монда шудааст. Бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шарикони рушд дар давоми татбиқи Барнома ба ҷумҳурӣ картриҷҳои «Ултра» ва «XDR» барои дарёфти фаврӣ ва муайян намудани мутобиқати доруҳои қатори якум ва дуюм имконпазир гардид. То имруз 35 дастгоҳи рентгении портативӣ харидорӣ ва ба ҷумҳурӣ ворид гардида, ба тамоми минтақаҳои кишвар дастрас карда шуда, барои муоина ва дарёфти саривақтии беморони сил дар байни алоқамандон ва гурӯҳҳои осебпазир сафарбар шудаанд. Дар раванди татбиқи Барнома 19 дастгоҳи тезташхискунандаи молекулярӣ-генетикӣ (Ҷенэксперт) барои соҳаи силшиносии кишвар харидорӣ карда шуда, ба шаҳру ноҳияҳое, ки бо чунин таҷҳизот таъмин набуданд, дастрас карда шуданд. Бо дастгирии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шарикони рушд дар давоми амалинамоии Барномаи миллӣ тамоми мутахассисони соҳа, инчунин кормандони муассисаҳои кумаки аввалияи тиббию санитарӣ ва мутахассисони Хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ ба омӯзишҳои

гуногун дар дохил ва берун аз кишвар оид ба пешгирӣ, дарёфт ва табобат ба таври маҷозӣ ва ғайримаҷозӣ фаро гирифта шуданд. Дар соҳаи силшиносии кишвар 5 нақлиёти сайёри рақамии флюорографӣ ва 35 дастгоҳи рентгении рақамии портативӣ фаъолият карда истодаанд, ки дар дарёфти саривақтии бемории сил мусоидат менамоянд. Танҳо дар 9 моҳи соли ҷорӣ бо истифода аз дастгоҳҳои мазкур 131482 нафар аз муоина гузаронида шуданд, ки аз байни онҳо 522 нафар сили фаъол дарёфт ва ба табобат фаро гирифта шуданд. Муассисаҳои зиддисилӣ бо доруҳои зиддисилӣ ва маводҳои ташхисӣ барои табобати ҳама намуди беморони сил ба пуррагӣ таъмин мебошанд. Ҳамасола аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузорӣ барои хариди маводҳои ташхисӣ ва доруҳои зиддисилии қатори якум зиёд шуда истодааст, харидории доруҳои қатори дуюм барои табобати беморони сил аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ оғоз гардид. Дар маҷмуъ, маблағгузории Барномаи миллӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ 29 фоизи буҷети пешбининамудаи Барномаи миллиро ташкил дод. Дар раванди амалишавии Барномаи миллӣ як қатор мушкилию камбудиҳо ҷой доштанд, аз ҷумла, дар сатҳи паст қарор доштани муоина ва скрининг дар байни гумонбарон ба бемории сил; дар сатҳи паст қарор доштани маълумотнокии аҳолӣ оиди бемории сил, алалхусус дар байни ҷавонон ва занон дар сатҳи шаҳру ноҳияҳо; норасоии мутахассисони силшинос; сатҳи баланди тамғанокӣ нисбати бемории сил дар баъзе шаҳру ноҳияҳо; норасогии маблағгузорӣ барои хариди маводҳои ташхисӣ, ғизои солим ва доруҳои қувватбахшанда хусусан дар сатҳи шаҳру ноҳияҳо.

Оид ба **масъалаи дуюми рӯзнома** директори муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии пешгирӣ ва мубориза бар зидди ВНМО»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сатторов С. оид ба амалишавии “Барномаи миллӣ оид ба муқовимат ба эпидемияи вируси норасоии масунияти инсон ва бемории пайдошудаи норасоии масуният дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025” ахборот пешниҳод намуд. Қайд намуд, ки нишондиҳандаи фарогирӣ ва самаранокии ташхис ва табобати ВНМО дар ҷумҳурӣ беҳтар гардидааст. Дар самти пешгирии ВНМО дар ҷумҳурӣ шабакаи устувори хизматрасиниҳо барои гурӯҳҳои осебпазир ташкил гардида, ҳамасола ба ҳисоби миёна 14 000 нашъамандони тазриқӣ, зиёда аз 7 000 шахсони расонандаи хизматҳои шаҳвонӣ ба чорабиниҳои пешгирикунанда фаро гирифта мешаванд ва зиёда аз 600 нашъамандони тазриқӣ ба табобати ивазкунандаи опиоидӣ ҷалб мегарданд. Дар заминаи 6 дармонгоҳи сайёр дар минтақаҳои дурдаст дар 5 соли охир беш аз 180 000 нафар муҳоҷирони меҳнатӣ ба чорабиниҳои иттилоотӣ, пешгирикунанда ва ташхиси ройгони ВНМО, гепатитҳои вирусӣ ва оташак фаро гирифта шуданд. Тайи ин давра фаъолият дар самти фарогирӣ ба ташхиси ВНМО дар байни гурӯҳҳои калидӣ ва осебпазири аҳолӣ ба таврӣ назаррас тақвият ёфта, дар байни ин гуруҳҳо 1 732 000 ташхис гузаронида шуда, сатҳи дарёфти ВНМО вобаста ба ҳар як гурӯҳ аз 0,11 то 0,45 фоизро ташкил медиҳад. Дар маҷмуъ дар давоми солҳои 2021-2025 дар кишвар 5,6 миллион ташхис анҷом дода шуда,

5033 ҳолати нави ВНМО ба қайд гирифта шудааст. Аз 18103 нафар шахсони дарёфтшудаи ВНМО, айни замон 13188 нафарашон зинда буда, 12085 (91,6%) нафарашон ба табобат фаро гирифта шуданд, самаронкии табобат ба 90,6% расидааст. Вазъи эпидемиологӣ дар байни кӯдакони аз занони мубталои ВНМО таваллудшуда беҳтар гардида, сатҳи гузариши ВНМО аз модар ба кӯдак сол аз сол кам шуда истодааст. Агар ин нишондод соли 2020 3,7% ташкил медод, соли 2025 бошад ин нишондиҳанда то 3,3% коҳиш ёфт. Дар давоми 5 соли охир 11 дастгохи замонавии ташхиси иммунофермента, 8 дастгоҳи (Ҷенэксперт) барои ташхис ва 11 таҷҳизоти дистилятор дастрас карда шуданд. Маблағгузории чорабиниҳои Барномаи миллӣ аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ сол аз сол зиёд шуда, аз 27,4 млн. сомонӣ дар соли 2021 ба 48 млн.сомонӣ дар соли 2025 расид. Аз 125 зербандҳои Нақшаи амалигардонии Барномаи миллӣ 124-тои он (98,8%) иҷро гардиданд.

Дар татбиқи Барномаи миллӣ як қатор камбудию мушкилиҳо ҷой доранд. Аз ҷумла, дар сатҳи паст қарор доштани маълумотнокии аҳолӣ (11-12% дар байни хонандагон), нокифоя гузаронидани чорабиниҳои иттилоотӣ, ройгон набудани ташхисҳои беморони ВНМО, фарогирии нокифояи занони ҳомила ба ташхиси ВНМО, мавҷудияти тамғагузорӣ ва табъиз нисбати беморони ВНМО, норасоии воҳидҳои корӣ дар маҳалҳо, маблағгузории нокифоя барои харидории маводҳои ташхисӣ, ғизои сунъӣ ва доруворӣ, набудани маблағгузорӣ дар вазорату кумитаҳо.

Дар робита ба **масъалаи сеюми рӯзнома** ҳисоботи роҳбари лоиҳаи Барномаи Рушди СММ дар Тоҷикистон оид ба бемориҳои ВНМО ва сил Низков С. дар бораи ҷараёни амалишавии гранти Хазинаи глобалӣ дар самти мубориза бар зидди ВНМО/БПНМ ва сил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2024 ва 9 моҳи соли 2025 шунида шуд. Қайд намуд, ки бинобар сабаби кам шудани маблағгузории донорӣ дар соли 2025 як қатор мушкилиҳо дар амалишавии грант ба миён омаданд. Аз ҷумла, аз ҷониби Хазинаи глобалӣ маблаға грант 10% коҳиш ёфта, маблағи грант барои солҳои 2024-2026 аз 25 960 320 доллари ИМА ба 23 356 843 доллари ИМА расид. Инчунин, аз моҳи апрел то сентябр (дар давраи аз нав баррасӣ гардидани буҷети грант) баъзе аз чорабиниҳои лоиҳа–тренингҳо, тадкиқотҳо, амалӣ намудани харид, гузаронидани мониторингҳо ва ғайра манъ карда шуданд. Яке аз дастовардҳои лоиҳа ин нигоҳ доштани маблағгузории амалишавии чорабиниҳои зарурӣ, аз ҷумла хариди ҳамаи доруворихои зарурӣ, маводҳои харҷӣ барои гузаронидани ташхисҳои озмоишгоҳӣ, дастгирии иҷтимоии бемориҳои сил, таъмини маводҳои хӯрока ба беморони ВНМО, ки бистарӣ мебошад ва таҷдиди ду ташхисгоҳи сил мебошад. Бо вуҷуди мушкилотҳои ҷойдошта, дар 9 моҳи соли 2025 дар самти фарогирии маҳбусон ба чорабиниҳои профилактикӣ (9307 нафар ё 93%) ва ташхиси онҳо (9000 нафар ё 95%), инчунин фарогирии беморони ВНМО ба табобат (11914 нафар ё 94%) дастовардҳои хуб ба даст оварда шуданд. Тайи ин давра фарогирии занони ҳомила ва беморони сил ба табобати зиддиретровирусӣ 100 фоиз иҷро гардид. Дар

соли 2025 авалин маротиба хариди доруҳои зиддиретровирусӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ амалӣ карда шуд. Шумораи шахсони бо ВНМО зиндагикунанда аз 83,2% дар соли 2024 то 86,9% дар соли 2025, шумораи шахсони ба табобати зиддиретровирусӣ фарогирифташуда аз 90,2% дар 2024 ба 91,3% дар соли 2025 ва шумораи шахсони бо ВНМО зиндагикунанда, ки сарбории номуайяни вирусӣ доранд аз 88%-и соли 2024 ба 90,2% дар соли 2025 зиёд гардид. Бо истифода аз 31 дастгоҳи сайёри рентгении ташхиси сил 131482 нафар аз гурӯҳи зери хатар аз муоинаи бемории сил гузаронида шуданд, ки дар байни онҳо 10185 нафар гумонбаршудагони бемории сил ва 649 нафар беморони сил дарёфт гардиданд. Тайи ин давра инчунин 33308 нафар алоқамандон ё 92,8% аз муоинаи сил гузаронида шуда, 3875 нафари онҳо ба табобат фаро гирифта шуданд. Дар доираи лоиҳа ва маблағҳои Барномаи рушди СММ дастгирии гузаронидани зиёда аз 20 тренинг, мизҳои мудаввар ва дигар чорабиниҳо барои тақвият додани иқтидори зергирандагони грант бо ҷалби зиёда аз 650 нафар таъмин карда шуд. Азхудкунии маблағҳои грантӣ дар соли 2025 77 фоиз аз маблағи грантро барои соли 2025 (8,443,000 доллари ИМА) ташкил медиҳад. Инчунин Низков С. оид ба камбудиҳои ҷойдошта дар амалишавии грант таъкид намуд.

Дар робита ба **масъалаи чоруми рӯзнома** маълумоти муовини вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Амирзода А. шунида шуд. Қайд намуд, ки дар вохӯрии сатҳи баланди СММ дар мавзӯи бемории сил, ки моҳи ноябри соли 2023 баргузор гардид, давлатҳои узв, аз ҷумла Тоҷикистон пойбандии худро ба уҳдадориҳо ҷиҳати таҳкими тартиботи (механизми) бисёрсоҳавӣ ва вокуниши миллӣ ба бемории сил тавассути татбиқи Чаҳорчӯбаи равиши ҳисоботдиҳии бисёрсоҳавӣ барои расидан ба ҳадафи ҷаҳонии хотимаи сил тасдиқ намуданд. Соли 2025 дар ҳамкорӣ бо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии ҳимояи аҳолӣ аз бемории сил», Дафтари кишварии Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ дар Тоҷикистон, Ассотсиатсияи «Ҳамкории боздошти сил дар Тоҷикистон» ва «Иттиҳодияи фтизиопулмонологони Тоҷикистон» раванди татбиқи «Ворид намудани тартиботи (механизми) ҳамкорӣ ва ҳисоботдиҳии бисёрсоҳавӣ барои хотимаи сил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» оғоз гардид. Бо дарназардошти саривақтӣ ва зарурӣ будани татбиқи тартиботи (механизми) ҳамкорӣ ва ҳисоботдиҳии бисёрсоҳавӣ барои хотимаи сил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои расидан ба ҳадафҳои милливу ҷаҳонии хотимаи сил аз аъзои Кумитаи миллӣ хоҳиш намуд, ки ҷиҳати амалӣ намудани ин механизм қарори дахлдор қабул карда шавад.

Аз рӯи **масъалаи панҷуми рӯзнома** котиби масъули Кумитаи миллӣ Авғонов З.Т. қайд намуд, ки дар асоси банди 16 Низомномаи Кумитаи миллии ҳамоҳангсозӣ, котиботи Кумитаи мазкур лоиҳаи Нақшаи кори Кумитаи миллиро барои соли 2026 таҳия намуд. Нақша аз ду фасл иборат аст: 1) Масъалаҳое, ки дар ҷаласаҳои Кумитаи миллии ҳамоҳангсозӣ баррасӣ карда мешаванд; 2) Фаъолиятҳои асосӣ, ки иҷрои фаъолиятҳои

ҷории Кумитаи миллии ҳамоҳангсозиро дар бар мегиранд. Аз аъзои Кумитаи миллӣ хоҳиш намуд, ки нақшаи кори пешниҳодшударо барои соли 2026 тасдиқ намоянд.

Вобаста ба **масъалаи шашуми рӯзнома** котиби масъули Кумитаи миллии ҳамоҳангсозӣ Авғонов З.Т. қайд намуд, ки мутобиқи банди 6-и замимаи 1 Нақшаи назорат, ки бо қарори КМҲ аз 10 июли соли 2012, №21 тасдиқ шудааст, котиботи Кумитаи миллии ҳамоҳангсозӣ якҷо бо Комиссияи назорат бояд ҳамасола лоиҳаи Нақшаи кори Комиссияи назоратро таҳия намуда, барои тасдиқ ба Кумитаи миллии ҳамоҳангсозӣ пешниҳод намояд. Дар робита ба ин, Котиботи Кумитаи миллии ҳамоҳангсозӣ лоиҳаи нақшаи кори Комиссияи назоратро барои соли 2026 таҳия намуд. Аз аъзои Кумитаи миллии ҳамоҳангсозӣ хоҳиш намуд, ки нақшаи мазкурро барои соли 2026 тасдиқ намоянд.

Аз натиҷаи баррасии масъалаҳои рӯзномаи ҷаласа Кумитаи миллии ҳамоҳангсозӣ **қарор кард:**

1) Ҳисоботи муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии ҳимояи аҳолӣ аз бемории сил»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба инобат гирифта шавад.

1.1. Маркази ҷумҳуриявии ҳимояи аҳолӣ аз бемории сил вазъи диспансерҳои марказҳои ҳимояи аҳолӣ аз бемории силро таҳлил намуда, натиҷаи онҳоро ба баррасии ҷаласаи минбаъдаи Кумитаи миллии ҳамоҳангсозӣ пешниҳод намояд.

1.2. Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ҷиҳати дарёфти саривақтии беморони сил ва ноил гаштан ба нишондиҳандаҳои мақсаднок чорабиниҳои мушаххасро роҳандозӣ намояд.

2) Ҳисоботи Маркази ҷумҳуриявии пешгирӣ ва мубориза бар зидди ВНМО-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба инобат гирифта шавад.

2.1. Вазорати маориф ва илм якҷо бо сохторҳои дахлдори Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ҷиҳати дар барномаҳои таълимии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ворид намудани дарсҳои омузишӣ дар мавзӯи пешгирии ВНМО, сил ва таҳаммулпазирӣ нисбати шахсони сироятгардида аз ВНМО ва сил тадбирҳои зарурӣ андешад.

3) Ҳисоботи Барномаи Рушди СММ дар Тоҷикистон «Дар бораи ҷараёни амалишавии гранти Хазинаи глобалӣ дар самти мубориза бар зидди ВНМО/БПНМ ва сил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2025» ба инобат гирифта шавад.

3.1. Барномаи Рушди СММ дар Тоҷикистон бо дарназардошти муроҷиати Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Хазинаи глобалӣ бо мақсади таъмин намудани гузариши вазифаи Гирандаи асосии грантҳои Хазинаи глобалӣ ба зиммаи Гурӯҳи татбиқкунандаи лоиҳаи назди Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ҷиҳати баланд бардоштани иқтидори институтсионалӣ ва молиявии

Гурӯҳи татбиқкунандаи лоиҳа Нақшаи гузариш таҳия намуда, иҷрои онро таъмин намояд.

4) Маълумоти Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тартиботи (механизми) ҳамкорӣ ва ҳисоботдиҳии бисёрсоҳавӣ барои хотимаи сил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба инобат гирифта шавад.

4.1. Вазоратҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, адлия (раёсати тиббии Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятӣ), маориф ва илм, кумитаҳои кор бо занон ва оила, кор бо ҷавонон ва варзиш, дин ва танзими ҷашну маросим, телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ва ҳисоботдиҳии бисёрсоҳавӣ барои хотимаи сил дар Тоҷикистон тибқи механизми муайяннамудаи СММ дар самти ҳамкорӣ ва ҳисоботдиҳии бисёрсоҳавӣ барои хотимаи сил тадбирҳо андешаданд.

5) Вазорату кумитаҳо, ки барои амалигардонии Барномаи ҳимояи аҳолӣ аз беморции сил барои солҳои 2026-2030 ва Барнома оид ба муқовимат ба эпидемияи ВНМО ва гепатитҳои парентералии вирусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030 муаззаф мегарданд, нақшаи чорабиниҳои идоравии худро тасдиқ намуда, вобаста ба иҷрои онҳо чораҳои мушаххас андешанд.

6) Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ бо дарназардошти он ки вазъи гирифторшавии муҳоҷирони меҳнатӣ бо ВНМО ҳанӯз ҳам дар сатҳи баланд қарор дорад, якҷо бо сохторҳои дахлдор чорабиниҳои пешгирикунандаи сироятёбии ВНМО-ро дар байни муҳоҷирони меҳнатӣ ҳам дар дохил ва ҳам берун аз ҷумҳурӣ пурзӯр намуда, вобаста ба таъмини иҷрои супоришҳои протоколи ҷаласаи Кумитаи миллии ҳамоҳангсозӣ аз 10-уми июни соли 2025 чораандешӣ карда, аз натиҷааш то 1-уми июни соли 2026 маълумоти дахлдор ирсол намояд.

7) Кумитаи телевизион ва радио ҷиҳати баланд бардоштани иттилоотонии аҳолӣ вобаста ба пешгирӣ, ташхис, дарёфт ва табобати бемории сил ва пешгирии ВНМО якҷо бо вазорату идораҳо ва ташкилотҳои дахлдор ва бо ҷалби муттахассисони соҳавӣ барномаҳо ва видеороликҳои оммафаҳм ва ройгонро тавассути тамоми шабакаҳои телевизионӣ ва радио зиёд намояд.

8) Аз тамоми шарикони рушд хоҳиш карда мешавад, ки нақшаҳои кории ҳарсолаи худро бо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ мувофиқа намуда, бо ҷалби сармояи донорӣ иҷрои онҳоро таъмин намоянд.

9) Нақшаи кори Кумитаи миллии ҳамоҳангсозӣ оид ба мубориза бар зидди БПНМ, сил ва вараҷа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2026 тасдиқ карда шавад (замимаи 1).

10) Нақшаи кори Комиссияи назорати назди Кумитаи миллии ҳамоҳангсозӣ барои соли 2026 тасдиқ карда шавад (замимаи 2).

Котиби масъули Кумитаи миллии ҳамоҳангсозӣ Авғонов З.